**Протоколи №30-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117 дар
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода

аз 27-уми июли соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шуро 11 нафар, 3 аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали 2026, №53/шд тасдиқгардида, 11 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравand.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Тарафдор? Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Раънои Камолиддин** дар мавзуи **“Вижагиҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ – **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** ва узви комиссияи экспертӣ – **Ҷамшедов Парвонахон** оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи **Раънои Камолиддин** дар мавзуи **“Вижагиҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он)”** ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи **Раънои Камолиддин** дар мавзуи **“Вижагиҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он)”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи

ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи **Раънои Камолиддин** дар мавзуи **"Вижагиҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он)"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Муҳиддинова Тахмина Ҳамроқуловна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон";

– **Насруддинов Сироҷиддин Мохадшарипович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

3. Ба сифати **муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад;

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад;

6. Таърихи баргузории ҳимоя 10.10.2026, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарзода Ҳ.Т.